**Тасдиқ мекунам**
**Раиси Кумитаи Давлатии**
**сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Қодири Қосим**
**ИМЗО, 28 маи соли 2015**

## Нақшаи кории

## Гуруҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон барои солҳои 2015-2016

| № | Чорабинӣ | Мақсад | Масъулон | Муҳлати татбиқ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| **1** | **Ҳамоҳангсозии сиёсат ва барномаҳои дастгирии соҳибкории занон дар Тоҷикистон** | | | | |
| **1а** | Тасдиқ намудани Гуруҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон дар Тоҷикистон | Ба роҳ мондани муколама ва ҳамкории байни бахши хусусӣ ва Ҳукумати ҶТ оид ба масъалаҳои рушди соҳибкории занон дар Тоҷикистон;<br><br>Ба роҳ мондани ҳамоҳангсозии барномаҳо оид ба дастгирии соҳибкории занон дар Тоҷикистон. | Гуруҳи корӣ | Феврали соли 2015 | Гуруҳи корӣ аз 28 марти соли 2015, № 24219 (22-7) аз тарафи муовини якуми Сарвазири ҶТ Давлаталӣ Саид ташкил ва тасдиқ шудааст. |
| **1б** | Ҷамъ овардани маълумот ва таҳияи ҷадвали лоиҳаҳо ва барномаҳо ҷиҳати дастгирии соҳибкории занон бахши давлатӣ, шарикони рушд ва бахши хусусӣ оид ба рушди | Ба роҳ мондани ҳамоҳангсозии барномаҳо оид ба дастгирии соҳибкории занон дар Тоҷикистон бо мақсади муайян намудани таҷрибаи муфид, камбудию норасоиҳо, инчунин тавсеаи ҳамоҳангсозӣ ва бартараф намудани такрорсозӣ. | Гуруҳи корӣ | Маи соли 2015 | Ҷадвал доимо такмил меёбад. Имрӯз маълумот оид ба лоиҳаҳои шарикони рушд ҷамъ оварда шудааст. Минбаъд маълумот оид ба |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | соҳибкории занон | | | | сармоягузориҳои давлат ва бахши хусусӣ низ илова карда мешаванд. |
| **2** | **Беҳтар намудани заминаи таҳлилӣ барои ошкор намудани масъалаҳо ва мушкилоти рушди соҳибкории занон** | | | | |
| **2а** | Гузаронидани тадқиқоти гендерии фазои срамоягузорӣ:<br>• Омухтани таҷрибаи барномаҳои қаблии дастгирии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон;<br>• Гузаронидани таҳлили муқоисавии тадқиқоти қаблии соҳибкории занон;<br>• Ошкор намудани камбудиву норасоиҳои тадқиқот, ки бартараф намудани онҳо барои муҳаё намудани муҳити | Мақсади тадқиқот муайян намудани монеаҳои амалигардонии соҳибкорӣ аз нуқтаи назари занон, омӯхтани таҷрибаи самаранок аз фаъолияти қаблӣ ва истифодаи он дар таҳияи сиёсат ва пешниҳоди тавсияҳо ба Хукумати мамлакат ва аъзои Гуруҳи корӣ ҳангоми банақшагирии лоиҳаҳои нав дар ин самт мебошад.<br><br>Ба таври расмӣ пешниҳод намудани тавсияҳои Гуруҳи корӣ ба Ҳукумати ҶТ ва вазорату идораҳои асосӣ;<br><br>Муайян кардани қадамҳои минбаъда оид ба дастгирӣ ва рушди соҳибкории занон. | БАТР таҳлилу омӯзиши таҷрибаи самаранокро аз барномаҳо ва лоиҳаҳои қаблӣ мегузаронад.<br><br>ОКСФАМ оид ба масъалаи мазкур ду тадқиқот гузаронид, ки айни замон барои чоп омода мебошанд. | Июл – Август соли 2015 | **Дар ВМКБ ягон тадқиқоти комил оид ба соҳибкории занон гузаронида нашудааст.**<br><br>**Гуруҳи кори тасмим гирифтааст, ки коршиносонро барои гузаронидани тадқиқот ҷалб намояд.**<br>**Аммо аввал зарур аст, ки оид ба корҳои анҷомдодашуда то имруз маълумот ҷамъ оварда шавад.**<br><br>**ОКСФАМ: Беҳтар аст, ки назар ба беҳуда сарф намудани вақт барои гузаронидани тадқиқот, ҳамаи тадқиқоти дар** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | мусоиди сармоягузорӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон дар Тоҷикистон зарур мебошад. | | | | **давоми се соли охир аз тарафи шарикони рушд ва ташкилоти ғайриҳукуматӣ гузаронидашударо ҷамъ оварда, хулосабарорӣ намоем.**<br><br>**БАТР ба таҳлили мазкур тавассути тадқиқи занҷири арзиши иловагӣ дар тиҷорати аграрӣ саҳмгузорӣ мекунад, то ин ки имкониятҳои соҳибкории аз тараи занон идорашавандаро ошкор намояд.** |
| **2б** | Муайян намудани усулҳо ва роҳҳои мукаммалгардонии заминаи маълумоти оморӣ ва тахлилӣ барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии вазъият дар доираи соҳибкории занон. | Мақсад мукаммал гардонидани системаи мониторинг ва арзёбии сиёсат ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ, инчунин арзёбии вазъият дар доираи соҳибкории занон мебошад.<br><br>Коршинос барои ошкор намудани норасоии маълумот ва монеаҳои рушди соҳибкории занон ва пеш | Лоиҳаи пешниҳодот аз тарафи Котиботи Гуруҳи корӣ омода карда мешавад. | Январ –апрели соли 2016<br><br>мунтазам | **Таҳияи пешниҳодот ҷиҳати васеъ намудани доираи нишондиҳандаҳо оид ба дастрасӣ ба хизматрасониҳои қарзӣ аз рӯи гуруҳҳои гуногуни осебпазир тибқи** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Тадқиқ ва мусоидат барои дастрас намудани маълумоти гурӯҳбандишудаи гендерӣ оид ба рушди соҳибкории занон (кор бо Агентии омор). Гузаронидани таҳлили базаи оморӣ оид ба соҳибкорӣ дар асоси камбудиву норасоиҳои ошкоргардида, яъне таҳияи нишондиҳандаҳои арзёбии пешравиҳо дар рушди соҳибкории занон зарур мебошад. | бурдани кори таҳлилии зарурӣ барои мукаммалгардонии базаи маълумот ва пешниҳоди иттилоот оид ба рушди соҳибкории занон масъул мебошад.<br><br>Баланд бардоштани иқтидори мақомоти давлатӣ ҷиҳати ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти гурӯҳбандишудаи гендерӣ мувофиқи мақсад мебошад. | | | **ҷинс, аз рӯи соҳаҳои шуғл тибқи ҷинс ва ғайра.**<br><br>**Тадқиқоти қаблӣ ҷамъ оварда ва таҳлил карда мешавад, то ин ки норасоиҳо ва камбудиҳо дар маълумот ошкор гардида, қадамҳои минбаъда баррасӣ карда шаванд.** |
| **3** | **Робита бо ҷамъият ва ВАО** | | | | |
| **3а** | Таъсиси саҳифаи Гурӯҳи Корӣ дар сомонаи расмии КДС | Саҳифа доимо бо маълумоти нав оид ба фаъолият ва дастовардҳои Гурӯҳи корӣ пурра карда мешавад. Инчунин тавассути он занони соҳибкор метавонанд ба Гурӯҳи корӣ бо масъалаву мушкилоти худ муроҷиат намоянд ва барои онҳо телефони боварӣ таъмин карда мешавад. | Котиботи Гурӯҳи Корӣ | Июни соли 2015 | **Таҳлили масъалаҳои соҳибкорзанон гузаронида шуда, аз тарафи Гурӯҳи корӣ баррасӣ карда мешавад.** |
| **3б** | Иттилоотонии мунтазами ВАО оид ба фаъолияти | | Гурӯҳи корӣ | Мунтазам | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Гуруҳи корӣ | | | | |
| **4.** | **Тақвият бахшидан ба иқтидори Гуруҳи корӣ** | | | | |
| **4а** | Омӯзиши таҷрибаи дигар мамлакатҳо дар самти дастгирии соҳибкории занон (барномаҳои молиявию ғайримолиявӣ) Барномаҳои нисбатан самаранок. | Тақвият бахшидан ба иқтидори Гуруҳи корӣ | Гуруҳи корӣ | Июни соли 2016 | Котиботи Гуруҳи корӣ мамлакатро муайян намуда, консепсия таҳия менамояд ва ба шарикони рушд барои баррасӣ пешниҳод менамояд. |
| **5** | **Баланд бардоштани огоҳӣ ва тавсеаи дастрасии занон ба донишу малакаҳои зарурӣ** | | | | |
| **5а** | Мунтазам омода ва гузаронидани чорабиниҳои миллии иттилоотӣ оид ба тарғиби соҳибкории занон (Симпозиум ва ё Форум оид ба фаъолияти анҷомдодаи Гуруҳи корӣ ва тарғиби соҳибкории занон)<br><br>Ташкили Бизнес форуми соҳибкорзанон дар сатҳи байналмилалӣ | Паҳн намудани таҷрибаи мусбӣ ва мусоидат ҷиҳати бартараф намудани хурофот нисбат занони соҳибкор (бизнес-ланчи занони соҳибкор ва мукофотонидани онҳо бо ифтихорномаҳо).<br><br>Ҳамчун идомаи мантиқии чорабиниҳо оид ба тарғиби соҳибкории занон дар сатҳи миллӣ гузаронидани чорабинии сатҳи байналмилалӣ бо ҷалби сармоягузорон барои дастгирии СХМ ва минбаъд дар заминаи тадқиқи | КДСИАДҶТ, КЗОҶТ, БАТР, ОКСФАМ, АМСХМТ, АМЗСТ<br><br>АмЧам, КДСИАДҶТ, КЗОҶТ | 14 октябр рузи соҳибкорӣ эълон шудааст. Дар ҳафтаи соҳибкорӣ ҷашн гирифтани рузи занони соҳибкор дар Тоҷикистон<br><br>Ҳар сол моҳи ноябр ҳафтаи ҷаҳонии соҳибкорӣ ҷашн гирифта мешавад ва дар доираи он як руз ба соҳибкории занон | Гузаронидани мизи мудаввари занони соҳибкор моҳи октябр ва дар доираи он ташкили намоишгоҳи маҳсулоти соҳибкорзанон, мубодилаи таҷриба ва сабаққҳои коршиносони варзида дар мавзуъҳои баҳсталаб<br><br>Ташкили Бизнес-форуми байналмилалӣ , намоишгоҳи EXPO бо |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | бозор ва нархгузорӣ ҷалби сармоягузорони бузург барои дастгирии соҳибкории занон | | бахшида мешавад. | маҳсулоти соҳибкорзанон, ҷалби соҳибкорзанони ботаҷриба аз хориҷи кишвар ва мамлакат барои мубодилаи таҷриба, сабақҳои коршиносон дар мавзуҳои гуногун |
| **5б** | Баргузор намудани Фарах-2016 барои тарғиби соҳибкории занон ва муайян намудани соҳибкорзанони муваффақи мамлакат | Омода ва баргузор намудани озмуни миллии Фарах-2016 барои муайян намудани соҳибкорзанони муваффақи мамлакат | Лоиҳаи АМЗСТ «Тавсеаи имкониятҳои иқтисодии занон» (USAID) | Март-октябрь 2016 | |
| **5в** | Таҳия ва Ба роҳ мондани фанни махсус оид ба асосҳои соҳибкорӣ дар доираи соатҳои кушод дар бораи соҳибкорӣ ҷиҳати дохил намудан ба барномаи дарсҳои беруназсинфии мактабҳои миёна (синфҳои 8-9) | Тарғиби маълумот оид ба соҳибкорӣ дар байни ҷавонон.<br><br>Таҳияи барномаи таълимӣ оид ба омӯзиши асосҳои иқтисодиёт барои омода намудани 40 омузгори мактабҳои миёна бо минбаъд омузонидани мактаббачагони вилояти Хатлон (АМЗСТ) | Вазорати маориф ва илм, лоиҳаи «Тавсеаи имкониятҳои иқтисодии занон» (USAID) | охири соли 2016 | Таҷдиди назар намудани мавзуъҳои соатҳои дарсҳои беруназсинфӣ ва муайян намудани қолаб ва ҳаҷми соатҳо оид ба асосҳои соҳибкорӣ барои минбаъд ворид намудани онҳо.<br>Ба таври пилотӣ ба роҳ мондани фанни таҳияшуда оид ба |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | асосҳои соҳибкорӣ барои хонандагони синфҳои болоии мактабҳои миёна (Вазорати маориф ва илм) |
| **5г** | Таъсиси шабакаи васеи марказҳои маълумоти соҳибкорӣ, бизнес инкубаторҳо, зиёд намудани дастрасии занҳо ба хизматрасониҳои маълумотӣ, иттилоотию маркетингӣ ва машваратӣ | Гузаронидани таҳлили бизнес-инкубаторҳои амалкунанда ва иқтидори онҳо.<br>Мусоидат ба бизнес-инкубаторҳои самаранок амалкунанда.<br>Тавсеа ва такмили хизматрасонӣ оид ба пешниҳоди фаъолияти соҳибкорӣ барои занони соҳибкор.<br>Баланд бардоштани иқтидори занон дар доираи соҳибкорӣ ва маркетинг, гузаронидани семинарҳо, | Бизнес - инкубатори АМЗСТ (Хуҷанд) аз ҷониби лоиҳаи TWEET-и ИА Дастгирӣ карда шуд.<br><br>Ассотсиасияи Иноватсионию Технологии соҳибкорӣ лоиҳа «Технопарк – Бизнес инкубатор Тоҷикистон»<br><br>Бизнес-инкубаторҳои КДС ва САЊА (марказҳои захиравӣ) | Январ 2015 -2016<br><br>Апрели 2015<br><br>Октябри 2014-2015 | Муайян кардан зарур аст, ки бизнес-инкубаторҳои муваффақ чи гуна бо занон кор мекунанд ва кадом маҳсулоти махсус/талаботро онҳо муайян карданд. |
| **5д** | Таҳлили сиёсат ва | Пешниҳод намудани тавсияҳо ва | Оксфам аллакай | Феврал-апрели соли | Таҳлил инчунин аз |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | меъёрҳои танзими фаъолияти бизнес-инкубаторҳо, таҳияи пешниҳодот ҷиҳати беҳтар намудани муҳити ҳуқуқӣ | таклифот оид ба беҳтар намудани қонунгузории амалкунандаи ҶТ ба Шӯрои машваратӣ | таҳлилро омода намуда масъалаҳо ва мушкилотро тибқи қонунгузорӣ муайян намудааст.<br><br>АМЗСТ чунин таҳлилро соли 2014 гузаронид.<br><br>Паҳн намудани таҳлили мазкур байни аъзои Гурӯҳи корӣ | 2016<br><br>мунтазам | тарафи ГК оид ба рушди бахши хусусӣ (IFC/WB) гузаронида шудааст.<br><br>ГК оид ба дастгирӣ ва таъсиси бизнес-инкубаторҳо дар назди КДС дар ГК оид ба рушди бахши хусусӣ таъсис ёфтааст. |
| **5е** | Гузаронидани агро ва бизнес тренингҳо барои занони аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол бо мақсади ҷалб кардани онҳо ба фаъолияти даромадноки соҳибкорӣ | Мақсади асосӣ ҷалб кардани занони аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол ба фаъолияти даромадноки соҳибкорӣ | АМЗСТ лоиҳаи «Тавсеаи имкониятҳои иқтсодии занон» | Июль 2015-2017 | |
| **6.** | **Рушд ва дастгирии соҳибкории иҷтимоӣ** | | | | |
| **6а** | Дастгирии ҷавонон ҷиҳати рушди ҳунарҳои мардумӣ<br><br>Ҳавасмандгардонии шахсони бо | Эҳё ва нигоҳдории ҳунарҳои мардумӣ, паҳн кардани онҳо, ҷалби туристон, ба даст овардани даромад аз омода намудани маҳсулоти дастӣ ва васеъ намудани дастрасӣ ба бозор, тарғибу тарбияи эҳтиром ва | Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон Лоиҳаи ИА ва CESVI оид ба ҳунармандӣ ва | То охири соли 2015 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ҳунармандӣ машғул, рушди барномаҳои мактабҳо аз руи принсипи «устод-шогирд» оид ба касбу ҳунарҳои нодир | муносибати эҳтиёткорона дар байни насли наврас нисбат ба анъанаву фарҳанги худ.<br><br>Омӯзонидани малакаҳои сузанидузӣ ба занони минтақаи деҳот, аз ҷумла Панҷакент, Хуҷанд, Истравшан ва Ғончӣ<br><br>Форуми соҳибкорони ҷавони Тоҷикистон (пешниҳоди мазкур ба Еврокомиссия аз тарафи АМЗСТ барои дастгирӣ дар моҳҳои сентябрь-октябрь пешниҳод карда шудааст) | соҳибкорӣ тавассути ҳамгироии минтақавӣ ва бозори боадолати тиҷоратӣ<br><br>АМЗСТ лоиҳаи TWEET-и ИА<br><br>АМСХМТ, Лоиҳаи CESVI мусоидат ба ҳунармандӣ дар Тоҷикистон дар асоси робитаҳои мутақобила судманд ва ҳамкорӣ бо ташкилоти миёнаравии корӣ | <br><br>Январи 2015-2017<br><br>Сентябрь-октябри 2015 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **6б** | Таҳлили барномаҳо, ҳамоҳансозии фаъолият бо ГК оид ба рушд ва дастгирии ҳунармандӣ дар самти таҳияи лоиҳаи қонун оид ба ҳунармандӣ ва ворид намудани таклифот оид ба беҳтар намудани танзими соҳибкории занон | | Зергуруҳи корӣ оид ба ҳунармандӣ | То охири 2015 | ГК оид ба рушд ва дастгирии ҳунармандӣ дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо таъсиси дода шуда, фаъолият менамояд, ки дар доири он лоиҳаи қонун оид ба ҳунармандӣ баррасӣ шда истодааст. Ҳамаи вазоратҳо ба ғайр аз Вазорати фарҳанг лоиҳаи қонунро баррасӣ кардаанд. |
| **6в** | Рушди занҷири арзиши иловагӣ байни занони ҳунарманд | Ҷалби занони ҳунарманд барои фуру шва содитроти маҳсулоти онҳо тавассути мағозаи онлайни ЉДММ «Озара» | Гуруҳи корӣ АМЗСТ лоиҳаи TWEET-и ИА<br><br>Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон Лоиҳаи ИА ва CESVI оид ба ҳунармандӣ ва соҳибкорӣ тавассути ҳамгироии минтақавӣ ва бозори боадолати | Январ 2015 -2016 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | тиҷоратӣ<br><br>АМСХМТ, Лоиҳаи CESVI мусоидат ба ҳунармандӣ дар Тоҷикистон дар асоси робитаҳои мутақобила судманд ва ҳамкорӣ бо ташкилоти миёнаравии корӣ | | |
| **7.** | **Дастрасӣ ба воситаҳои молиявӣ** | | | | |
| **7а** | Ояндабинии фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ бо назардошти хусусияти гендерии минтақаҳои алоҳида ва доираҳои истеҳсолот, талабот ба қарздиҳӣ | Таҳлили СММ Занон оид ба маҳсулоти қарзӣ, таҳлили занҷири арзиши иловагӣ, таҳлили хоҷагии қишлоқ – вилояти Хатлон | Оксфам -ECO | 2015-2015 | |
| **7б** | Ҷорӣ намудани хатҳои қарзии махсус барои занони соҳибкор | Оксфам дар самти ташикили портфели қарзии имтиёзнок барои занон кор карда истодааст.<br>Оксфам портфели муайян барои соҳибкорзанон дорад ва айни замон консепсияи идоракунии ин | Оксфам | 2015-2016 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | протфелро таҳия карда истодааст. | | | |
| **7в** | Баррасӣ намудани нақшаи зиддибуҳронии ҳукумати мамлакат аз нуқтаи назари гендерӣ ва таҳияву пешниҳод намудани тавсияҳо ба Шӯрои машваратӣ | Мақсад - татбиқ намудани тадбирҳои амалӣ ва тавсияҳо барои беҳтар намудани дастрасии гуруҳҳои осебпазири занони деҳот ба захираҳои моляивӣ барои пешбурди соҳибкорӣ | Зергурухи корӣ оид ба дастрасӣ ба воситаҳои молиявӣ | 2015-2016 | |
| **7г** | Таҳияи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии давлатии ташкилоти хурди молиявӣ, ки мунтазам дар самти иҷтимоӣ фаъолият намуда, таҷрибаи муваффақи масъулияти иҷтимоиро соҳиб мебошанд. | | Зергурухи корӣ оид ба дастрасӣ ба воситаҳои молиявӣ | 2016 | |
| **7д** | Гузаронидани мониторинги дастрасии гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла занони деҳот ба қарзҳои хурд ва хизматрасонии молиявӣ дар маҷмуъ | | Зергурухи корӣ оид ба дастрасӣ ба воситаҳои молиявӣ | 2016 | |
| **7е** | Мусоидат ба бартараф намудани монеаҳои истифодаи гарав барои дастрас намудани қарзҳо ба занон тавассути ислоҳоти гендерӣ | | Зергурухи корӣ оид ба дастрасӣ ба воситаҳои молиявӣ | 2016 | Ба ҳам овардани дурнамои гендерӣ ва барномаи амалишавандаи USAID дар самти ислоҳоти замин |

| 8. | Дастгирии занони деҳот | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 8а | Таҳияи барнома оид ба таъмини дастрасии баробари занони деҳот ба захираҳои иқтисодӣ<br><br>Идомаи барнома оид ба дастгирии занони деҳот ҷиҳати дастрасӣ ба замин дар ноҳияҳое, ки талабот барои дастрасӣ ба замин ниҳоят зиёд аст. | Зиёд намудани шуғли занон дар бахши кишоварзӣ, аз ҷумла дар доираи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, омӯзонидани ихтисосҳои техникӣ ба духтарон<br><br>Тақвият бахшидан ба иқтидори истеҳсолии занон, таъмини амнияти озуқавории оилаҳо, ғанӣ гардонидани бозори маҳаллӣ<br><br>Баланд бардоштани нақши занон дар идоракунии кори хоҷагидории худ<br>Баланд бардоштани эътибори нақши занон дар бахши кишоварзӣ | ККЗО ва зергуруҳи корӣ<br><br>Оксфам дар ин самт тренингҳо гузаронида ба раванди ба ҳам овардани занон бо иштирокчиёни занҷири арзиши иловагӣ мусоидат карда истодаанд.<br><br>Оксфам тренингҳо гузаронида деҳконзанонро омӯзонида истода дар маҳалҳо занони агроном тайёр карда истодааст. | Сентябр | Таҳия барнома дар доираи Стратегияи миллӣ оид ба фаъолгардонии нақши занон ба нақша гирифта шудааст.<br><br>Ба ҳам овардани дурнамои гендерӣ бо барномаи амалишавандаи USAID дар самти ислоҳоти замин |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Зан ва Замин ва зергуруҳи корӣ | | |
| **8б** | Рушд ва ҷалби занҷири арзиши иловагӣ миёни занони истеҳсолкунанда дар бахши кишоварзӣ | Қарзҳои имтиёзнок, мусоидат ба старт-ап соҳибкорзанон, кооперативҳои занон, нигоҳдорӣ ва навъбандӣ<br><br>Рушд додани малакаҳои занони деҳот оид ба тиҷорати аграрӣ ва маркетинг, баланд бардоштани сатҳи дониш ва фикрронии онҳо, муҳаё сохтани шароит барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, дастгирии ташкили минисеххо ва омузонидани занон брои ташкили кор дар самти коркарди маҳсулот, таъсиси мактабҳои сайёр барои занон, заноин кишоварз, ташкили турҳои мубодилавӣ чи дар дохили мамлакат ва чи бо мамлакатҳои дигар | Оксфам пурра дар ин самт кор мебарад Хелветас<br><br>АМЗСТ лоиҳаи «Тавсеаи имкониятҳои иқтсодии занон» USAID Вилояти Хатлон | Аз январи 2016 | БАТР дар ин самт тавассути таҳлили занҷири арзиши иловагӣ дар хоҷагии қишлоқ саҳм мегузорад, то ин ки имкониятҳои соҳибкории аз ҷониби занон идорашавандаро муайян кунад (нуқтаи назари ҷуғрофӣ) |
| **9. Беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ байни ассоциатсияҳои занони соҳибкор дар Тоҷикистон, Осиёи Миёна ва Афғонистон** | | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **9a** | Дастгирии ташкил ва тақвият бахшидани шабакаҳои соҳибкорзанон дар Тоҷикистон | Дастгирии ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба миёни занони соҳибкори маҳалӣ | Гуруҳи корӣ | Мунтазам | |
| **9б** | Таъсиси шабакаи минтақавии ассосиатсияҳои занон, аз ҷумла асосиатсияҳо аз Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Узбекистон, Туркменистон ва Афғонистон | Беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ ва мубодилаи таҷриба дар ба роҳ мондани соҳибкории занон | Гуруҳи корӣ | Мунтазам | |